*УДК 347*
*DOI:10.51844-2077-4990-2022-1-129-133*

# *ФАЪОЛНОКИИ ҲУҚУҚӢ ҲАМЧУН ВОСИТАИ ТАШАККУЛИ ШУУРИ ҲУҚУҚИИ ДОНИШҶӮЁН*

***Бобоҷонова Саломат Раҳимҷоновна,*** *сармуаллими кафедраи ҳуқуқшиносии факултети таърих ва ҳуқуқи МДТ "ДДХ ба номи акад. Б.Ғафуров" (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

# *ПРАВОВАЯ АКТИВНОСТЬ КАК СРЕДСТВО ФОРМИРОВАНИЯ ПРАВОВОГО СОЗНАНИЯ СТУДЕНТОВ*

***Боборжанова Саломат Рахимджоновна,*** *старший преподаватель кафедры правоведения факультета истории и права ГОУ «ХГУ имени акад. Б.Гафурова» (Таджикистан, Худжанд)*

# *LEGAL ACTIVITY AS A METHOD OF DEVELOPING LAW LITERACY OF STUDENTS*

***Bobojonova Salomat Rahimjonovna,*** *senior lecturer of the department of law studies attached to the faculty of history and law under the SEI "KhSU named after acad. B.Gafurov" (Tajikistan, Khujand)*
***E-mail*** *salomat_66@mail.ru*

***Вожаҳои калидӣ:*** *методҳои таълим, шуури ҳуқуқӣ, ташаккул, фаъолнокии иҷтимоӣ ва ҳуқуқии донишҷӯ, маърифати ҳуқуқӣ, мустақилияти рафтор, муносибати қонунӣ*

*Мақола ба яке аз масъалаҳои умда ва муҳими илми педагогикаи муосир бахшида шуда, фарогири таҳқиқи унсурҳои таркибӣ ва усулҳои рушди фаъолнокии иҷтимоиву ҳуқуқии донишҷӯён мебошад. Муқаррар карда шудааст, ки фаъолнокии иҷтимоиву ҳуқуқӣ ҳамчун воситаи таъминкунандаи ташаккули шуури ҳуқуқӣ ва маърифати шахс ба ҳисоб меравад. Муаллиф хулосаҳои илмии худро бо омӯзиши сарчашмаҳои илмиву таълимӣ, асноди меъёриву ҳуқуқӣ ва натиҷаҳои пурсишҳои иҷтимоӣ худ асоснок намуда, дар ин замина якчанд навгонии илмии мушаххасро барои амалигардонии фаъолнокии иҷтимоиву ҳуқуқии донишҷӯён ва таҳқиқи минбаъдаи доманадор дар ин самт пешниҳод намудааст. Дар мақола масъалаи тадриси фанни ҳуқуқ бо фарогирии роҳу усулҳои замонавӣ бо такя ба таҷрибаи қонунгузории кишварҳои мутараққӣ мавриди омӯзиш қарор дода шуда, заминаҳои рушди фаъолнокии иҷтимоиву ҳуқуқии донишҷӯён дар шароити муосир муайян гардидааст. Мақола таҳқиқи муқаддимавии мавзуи мазкур маҳсуб меёбад.*

***Ключевые слова:*** *учебные методы, правовое сознание, формирование, социально-правовая активность студентов, правовое образование, самостоятельность, правомерное поведение*

*Статья посвящена одному из главных и важных вопросов современной педагогики, касающихся социально-правовой активности учащихся, и охватывает изучение компонентов и методов их развития. Установлено, что социально-правовая активность является средством обеспечения формирования правового сознания и культуры личности. Автором обосновываются собственные научные выводы, полученные вследствие изученных научных и учебных источников, нормативно-правовых актов и результатов социологических опросов, и на этой основе предлагается ряд конкретных научных нововведений для реализации социально-правовой активности студентов и дальнейших исследований в этой области. Рассматривается вопрос преподавания права с учетом современных методик, исходя из опыта законодательства развитых стран, и выявляются основы развития социально-правовой активности студентов в современных условиях. Статья является предварительным исследованием данной темы.*

***Key words:*** *teaching approaches, law cognition, formation, socio-legal activity of student, law opinion of student, independent of action, legal attitude*

*The article under consideration dwells on one of the main and important aspects of modern pedagogy and covers the study of components and methods for development of socio-legal activity of students. It is established that socio-legal activity is a means of ensuring the formation of legal consciousness and culture of the individual. The author substantiates his/her scientific conclusions by studying scientific and educational sources, legal acts and the results of sociological surveys and on this basis proposes a number of specific scientific innovations for implementation of students' socio-legal activity and further research in the relevant arena. The given article discusses the issue concerned with teaching law taking into account modern methods. Based on the experience of legislation developed countries the author identifies the foundations for the development of socio-legal activity of students under modern conditions. The article is*

*a preliminary study of this topic, and its publication may help to identify some problems in the teaching of legal sciences and contribute to the formation of legal awareness and culture.*

Омӯзиш ва баррасии масъалаҳои ҳуқуқӣ дар миёни муҳассилини мактабҳои олӣ яке аз муҳимтарин ҳадафҳои илми ҳуқуқшиносӣ ва педагогикаи миллӣ маҳсуб мешавад, ки дар ташаккули шуури ҳуқуқии донишҷӯён, фаъолнокии ҳуқуқии онҳо ва истифодаи усулҳои интерактивӣ дар машғулиятҳои таълимӣ заминаи мусоид фароҳам меорад. Дар ҳар ҷомеаи рӯбатараққӣ омӯзишу таҳқиқи масъалаҳои марбут ба шуури ҳуқуқии донишҷӯён таваҷҷӯҳи махсусро талаб намуда, дар баррасии ҳамаҷонибаи муаммоҳои тарбияи ҳуқуқӣ миёни донишҷӯён мусоидат хоҳад кард. Дар амалӣ намудани қарору қонунҳо ҷиҳати ташаккул ва густариши шуури ҳуқуқӣ корҳои зиёде мавҷуданд, ки дар вусъат додани шуури ҳуқуқии донишҷӯён кӯмак менамояд.

Шарҳи калимаи "шуур" ҳамчун ақл, идрок, фаросат ва зиракӣ дар фарҳангу луғатномаҳои тоҷикӣ тавзеҳ дода шудааст [6, с.607].

Ҳуқуқшиносон С.Ҳ Ҳасанов ва М. Ҳасанов бар ин назаранд, ки "шуури ҳуқуқӣ маҷмӯи ақида, нуқтаи назар, ҳиссиётест, ки муносибати одамонро ба ҳуқуқ ифода мекунад. Ин тасаввурот дар бораи қонунгузорӣ, қонуният, адолати судӣ дар бораи рафторҳои қонунӣ ва ғайриқонунӣ мебошад" [7, с.461].

Шуури ҳуқуқӣ воқеияти ҳуқуқиро дар шакли донишҳои ҳуқуқӣ ва муносибатҳои баҳодиҳӣ ба қонун ва татбиқи он, муносибатҳо ва меъёрҳои иҷтимоиву ҳуқуқӣ ва рафтори одамонро дар муносибатҳои ҳуқуқӣ танзим мекунад. Аз ин лиҳоз, шуури ҳуқуқӣ дар меҳвари муносибатҳои ҳуқуқии ҷамъиятӣ мавқеи хос дошта, дар таҳкими афкори ҳуқуқӣ заминаи мусоид фароҳам меорад [4, с.29].

Шуури ҳуқуқии ҷавонон мушаххасоти иҷтимоӣ ва равонӣ дошта, ба синну сол, вазъи иҷтимоию иқтисодӣ ва иҷтимоию сиёсии ин табақаи ҷомеа вобастагӣ дорад. Дар сохтори шуури ҳуқуқии ҷавонон ҷузъҳо ва унсурҳои ба ҳам вобаста мавҷуданд, ки метавон чунин ба мушоҳида гирифт: дониши ҳуқуқӣ, фаҳмиши қонун, муносибат ба қонунҳои ҷорӣ, талабот ба қонун, муносибат ба иҷрои талаботи ҳуқуқӣ.

Аз омӯзиш ба таҳқиқи адабиёти марбут ба ҳуқуқи инсон равшан мегардад, ки яке аз шартҳои асосии ташаккули шуури ҳуқуқии донишҷӯён фаъолнокии ҳуқуқии онҳо мебошад. Талаботи шахс бо коркарди масъалаҳои фаъолнокӣ алоқаманд мебошад. Талабот ҳамчун категория талаботи фаврии объективиро ифода намуда, дар рушди тафаккури мӯътадили ҷавонон ва шуури ҳуқуқии онҳо нақши муассир дорад. Бо вуҷуди ин, танҳо талаботро наметавон манбаи аслии рушди фаъолнокӣ ва шуури ҳуқуқии ҷавонон ҳисобид. Дар ин маврид фаъолияти амалии онҳо дар ташаккули шуури ҳуқуқӣ тавассути талабот аҳамияти махсус дорад. Талаботи донишҷӯён ба дониш ва таҳсил дар заминаи талаботи биологӣ ва хосиятҳои организми инсон пайдо мешавад, ки тадриҷан хусусияти иҷтимоӣ пайдо мекунад. Талаботи бошуурона ҳамчун як ҳолати субъективӣ амалӣ мешавад, ки он рафтори ҷавононро танзим намуда, самти тафаккур ва ҳисси иродаи онҳоро муайян мекунад. Аммо, бидуни таъмини рушди фаъолнокии ҳуқуқии донишҷӯён ташаккул додани талабот ғайриимкон мебошад [1,с.48]. Таҳлили маводи марбут ба мавзӯи таҳқиқшаванда нишон дод, ки фаъолияти мустақилона, ки дар доираи мустақилият, рафтори ғайримуқаррарии субъект дар доираи рафтори қонунӣ анҷом меёбад, хусусияти асосии фаъолнокии иҷтимоию ҳуқуқии шахс аст, яъне фаъолнокии иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ фаъолияти ихтиёрии эҷодӣ дар соҳаи ҳуқуқӣ мебошад. Аз ин ҷо, «фаъолияти эҷодӣ»-ро дар соҳаи ҳуқуқ, тавассути дониши ҳуқуқӣ ва баланд бардоштани салоҳияти ҳуқуқии донишҷӯён ташаккул додан мумкин аст. Фаъолнокии ҳуқуқии донишҷӯён натиҷаи сатҳи баланди шуури ҳуқуқии шахсият мебошад. Омодагии ҷавонон ба фаъолияти амалӣ дар натиҷаи таҷрибаи ҳуқуқӣ буда, донишҷӯён дар ҷараёни таълим ва фаъолияти амалиявӣ дар соҳаи ҳуқуқ таҷрибаи муносиботи ҳуқуқиро ба даст меоранд. Яке аз муҳимтарин тадбирҳо дар заминаи таҳкими танзими ҳуқуқии соҳаи маориф, ба даст овардани таҷрибаи ҳуқуқии донишҷӯён мебошад. Аз ҷониби дигар, фаъолнокии ҳуқуқӣ ҳамчун воситаи ташаккули маърифат ва фарҳанги ҳуқуқии шахсро таъмин менамояд. Ин як навъ таҳкурсие аст, ки бидуни он рушди шуури ҳуқуқӣ душвор мебошад.

Натиҷаҳои таҳқиқот баёнгари он аст, ки дарки "фаъолнокии ҳуқуқӣ" танҳо дар доираи намудҳои гуногуни рафтори қонунӣ амалӣ мегардад. Дар чунин ҳолатҳо, субъектҳои фаъолнокии ҳуқуқӣ майли дарки мусбати қонунро доранд. Фаъолнокии ҳуқуқии донишҷӯён дараҷаи муайяни фаъолияти ҳуқуқии онҳоро вобаста ба таълим дар соҳаи муносибатҳои ҳуқуқии таълимӣ, инчунин дигар муносибатҳои ҳуқуқӣ ифода меёбад, ки қонунияти рафтори

субъектҳоро дар назар дорад. Асоси ташаккули фаъолнокии иҷтимоию ҳуқуқии донишҷӯён фаъолияти маърифатии онҳо дар соҳаи ҳуқуқ мебошад. Фаъолияти маърифатӣ шарти муҳими татбиқи ҷараёни таълим ва хусусияти амалҳои маърифатии донишҷӯён маҳсуб мешавад. Бидуни фаъолияти инфиродии донишҷӯён, раванди таълим натиҷабахш буда наметавонад. Маърифатнокии ҳуқуқии донишҷӯён як ҷузъи муҳими симои фарҳангии шахсият ва шарти зиндагии муваффақ дар ҷомеа мебошад. Ба ақидаи Шомуродов Х. мафҳуми "маърифати ҳуқуқӣ" раванди азхудкунии низоми донишҳои ҳуқуқӣ, малакаҳои амалӣ, баланд бардоштани сатҳи салоҳиятнокии ҳуқуқӣ ва мутобиқан, сатҳи маданияти ҳуқуқии шахсро ифода мекунад, ки дар маҷмӯъ шакли иҷтимоӣ ва ҳуқуқии онро муайян мекунад [8, с.89].

Ҷомеаи муосир зарурати ташкили пояи асосии маърифати ҳуқуқии ҳамаҷонибаи донишҷӯёнро талаб менамояд. Зеро маърифати ҳуқуқии донишҷӯён ба танзими фарҳанги ҳуқуқии демократӣ нигаронида шуда, он асоси азхудкунии арзишҳо ва принсипҳои ахлоқӣ-ҳуқуқии донишҷӯёнро ташкил медиҳад ва тавассути он аз корҳои номатлуб даст кашида, ба сӯи афзалияти риояи қонун равона месозад [2, с.293].

Ҳадафҳои асосии таҳсил дар мактабҳои олӣ аз он иборат аст, ки дар байни донишҷӯён инкишофи сатҳи баланди шуурнокии ҳуқуқӣ, тафаккури ҳуқуқӣ, маърифати ҳуқуқӣ, омӯзиш ва маърифати асосҳои меъёрҳои ҳуқуқӣ ва қобилияти истифодаи имкониятҳои низоми ҳуқуқии давлат, қобилияти ҳимояи ҳуқуқҳои онҳо таъмин карда шавад [7,с.46]. Самти муосири таҳсилот барои ташаккули салоҳиятҳо фароҳам овардани шароити таълимӣ ва равониро пешбинӣ мекунад, ки дар он донишҷӯ метавонад на танҳо фаъолияти зеҳнӣ ва маърифатӣ, балки мавқеи шахсии иҷтимоӣ, яъне шахсияти худро нишон диҳад ва худро ҳамчун мавзӯи омӯзиш маълум намояд. Ҳамзамон, ба роҳ мондани раванди муътадили таълим бидуни самти тарбия натичаҳои судманд нахоҳад дошт. Ин аст, ки фаъолнокии ҳуқуқӣ дар соҳаи маориф ва илм ба хусус миёни донишҷӯён барои рафтори худро тибқи талаботи қонун ба роҳ мондан ва дониши худро дар бораи меъёрҳои ҳуқуқӣ истифода намудан заминаи мусоид фарохам меоварад.

Дар ҷараёни таълими фанни асосҳои ҳуқуқ ба донишҷӯён ва ташаккули шуури ҳуқуқии онҳо на танҳо ба дараҷаи дониши онҳо таваҷҷӯҳ намуд, балки ба сифатҳое чун эътимод, адолат, эҳтироми қонун, омодагӣ ба риояи талаботи қонунӣ, қобилияти ҳимоя намудани ҳуқуқҳои худ, эътирофи манфиатҳои қонунии дигар шаҳрвандон ва давлат низ аҳамият дод. Аз таҳқиқи мавзӯи мазкур равшан гардид, ки фаъолнокии иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ дар доираи фаъолияти муайяне ташаккул меёбад, ки яке аз хусусиятҳои он маҳсуб мешавад. Барои донишҷӯён навъи машғулияти бартаридошта фаъолияти маърифатие мебошад, ки хусусияти ҳуқуқӣ дорад. Анҷом додани фаъолияти таълимӣ ва ҳуқуқие, ки аз ҷониби донишҷӯён чунин фаъолияти ҷамъиятие мебошад, ки аз ҷониби субъектҳои раванди таълим собит шуда ва аз тарафи ҷомеа, давлат дуруст ва аз ҷиҳати ҳуқуқӣ мухим эътироф карда шудааст. Фаъолнокии ҳуқуқии донишҷӯёнро на танҳо дар соҳаи маориф, балки ҳангоми иштирокчии фаъоли дигар муносибатҳои ҳуқуқӣ, шаҳрвандӣ, меҳнатӣ, оилавӣ ва ғайра амал намудан, метавон ба мушоҳида гирифт. Дар ҷараёни таҳқиқ мо бо мақсади муайян намудани нақши маърифати ҳуқуқӣ дар ташаккули шуури ҳуқуқӣ байни 360 донишҷӯи МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров” пурсиши афкор гузаронидем.

Натиҷаҳои пурсиш нишон дод, ки сатҳи фаъолнокии ҳуқуқии донишҷӯёни дар факултетҳо на он қадар баланд мебошад. Омили аслии ин нишондод пеш аз ҳама омодагии заифи ҳуқуқии онҳо мебошад. Зеро донишҷӯён аксаран барои татбиқ намудани ҳуқуқҳои худ манбаъҳои мурочиатро ба таври зарурӣ ҳанӯз надонистаанд. Онҳо ҳуқуқро ҳамчун воситаи ба даст овардани манфиатҳои шахсӣ ва дар мавриди муносибат бо қонун - қобилияти рафъи он медонанд. Тибқи маълумоти натиҷаи таҳқиқот 58% -и донишҷӯён дар ҳалли ҳолатҳои мунoқишавӣ норасоии дониши ҳуқуқиро эҳсос кардаанд, дар муносибат бо кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ҳангоми таҳияи ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ, 28% -и донишҷӯён эҳтиёҷот ба дониши ҳуқуқӣ ҳангоми ба корқабулшавӣ, ҳимояи ҳуқуқҳои шахсӣ ва шаъну шарафи худ, 14% -и донишҷӯён барои ёрии ҳуқуқӣ ба мутахассисон мурочиат карданд. Ба саволи “Дар истифодаи донишҳои ҳуқуқӣ ба Шумо кадом омил зиёдтар душворӣ меорад?” 87%-и донишҷӯён қайд карданд, ки мундариҷаи маълумоти ҳуқуқии курси таълимии ҳуқуқ назариявӣ буда, аз амалия ҷудо карда шудааст, 13%-и онҳо ба имкони эҳтимолии қонун дар танзими муносибатҳои “шахс – давлат” розӣ нестанд, ки ин ҷавобҳо ба монанди “Ҳама чиз дар зиндагӣ дигар хел аст” “Қонун барои одамони камбизоат”, ”Ман ба волоияти қонун дар мамлакати мо, ки дар он ҷо

коррупсия ривоҷ меёбад, бовар намекунам" ва ғайра далел шуда метавонад. Дар шароити кунунӣ, омӯзгорон бояд аз намуди таълими иттилоотӣ ба марҳалаи нав, яъне ба омӯзиши интерактивӣ, фаъолсозии потенсиали шахсии донишҷӯён ва васеъ кардани имкониятҳои татбиқи ҳуқуқҳои худ дар ҳолатҳои мушаххаси ҳаёт гузаранд. Таълими интерактивӣ усулест, ки дар асоси ҳамкории донишҷӯ бо муҳити омӯзишӣ, ки ҳамчун як соҳаи таҷрибаи омӯзишӣ хизмат мекунад, ба роҳ монда мешавад. Усулҳои интерактивии таълим имкон медиҳанд, ки раванди фаҳмиш, азхудкунӣ ва татбиқи эҷодии донишҳо дар ҳалли масъалаҳои амалии ҳуқуқӣ нишонрас гарданд. Онҳо қобилияти озодона фикр кардан, вазъияти мушкилро ба таври худ дидан, роҳои ёфтан аз он, асоснок кардани мавқеи худ, арзишҳои ҳаёти онҳо ташаккул медиҳанд. Дар раванди таҳқиқ таваҷҷӯҳи бештари моро истифодаи маҳорати педагогӣ дар бозиҳо ба худ ҷалб намуд. Мӯҳтавои бозиҳои корӣ барои донишҷӯён тақлиди шароити мушаххаси фаъолияти касбӣ ва робитаи иҷтимоии онҳо мебошад. Ин хусусияти бозии корӣ дар дарсҳои ҳуқуқ ба ташаккули шуури ҳуқуқии мутахассиси оянда мусоидат менамояд. Қисми ҷудонопазири маърифати ҳуқуқӣ омӯзиши ҳодисаҳо мебошад. Дар машғулиятҳои амалии дарси ҳуқуқ донишҷӯён бо истифода аз усули парванда (усули таълимӣ бо тавсифи вазъияти воқеии иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ), вазъро таҳлил мекунанд, натиҷаҳои таҳлилро дар шакли муаррифи пешниҳод мекунанд, дар гурӯҳ муҳокима ва ҷамъбаст менамоянд. Усули парванда ба мо имкон медиҳад, ки қобилиятҳои эҷодии донишҷӯёнро инкишоф дода, ба онҳо барои бо муваффақият азхуд кардани қобилияти таҳлили вазъи ғайричашмдошт кӯмак расонад, сифатҳоеро ба монанди ташаббус ва мустақилият ташаккул диҳад, моро дар гурӯҳ кор карданро омӯзанд [3, с.49].

Натиҷаҳои таҳқиқоти мо нишон дод, ки сатҳи шуури ҳуқуқии донишҷӯён аз ҳамдигар фарқ мекунад. Ҷамъбасти нишондиҳандаҳо ба мо имкон фароҳам овард, ки натиҷаҳоро бо назардошти сатҳу савияҳо хулоса намоем: - сатҳи паст, ки бо дониши рӯякии ҳуқуқӣ, даст кашидан аз иштирок дар бозӣ, дар муҳокима, сустӣ дар машғулиятҳои таълимӣ тавсиф карда мешавад; худбаҳодиҳии паст ҳангоми иҷрои вазифа;

- сатҳи мобайнӣ - донишҷӯён дониши ҳуқуқӣ доранд, аммо истифодаи онҳо аз вазъият вобаста аст, зеро дар робита бо муаммои мушаххас ва донишҳои мавҷудаи назариявӣ мушкилот ба миён меоянд. Худбаҳодиҳии нақши худи шахс дар фаъолиятҳои муштарак аз ҳад зиёд аст;

- сатҳи баланд - донишҷӯён донишҳои ҳуқуқиро дар ҳалли вазъият истифода мебаранд, онҳо қодиранд барои нуктаи назари худ далел оваранд, таъсиррасонӣ ба андешаҳои дигар донишҷӯёнро дарк намоянд. Намояндагони ин гурӯҳ таҳаммулпазир, бодиққат ва доноянд. Нақши худро дар иҷрои вазифаҳои муштарак ба таври кофӣ арзёбӣ мекунанд. Фаъолнокии иҷтимоию ҳуқуқии донишҷӯён нишонаи рафтори ҳуқуқие мебошад, ки ба рӯҳ ва маънои қонун мувофиқат мекунад ва барои ташаккули шуури ҳуқуқӣ шарти муҳим мебошад, ки он на танҳо қобилияти дарк кардани маълумоти ҳуқуқиро фароҳам меорад, балки малака ва истифодаи онро дар ҳаёти воқеӣ мустаҳкам менамояд. Ҳамин тариқ, бо истифода аз усулҳои интерактивии таълими ҳуқуқ дар машғулиятҳои таълимӣ, мо ба хулосае омадем, ки фаъолнокии иҷтимоию ҳуқуқии донишҷӯён дар бозии корӣ, дар ҳалли масъалаҳо ба ташаккули шуури ҳуқуқии донишҷӯён мусоидат мекунад.

## ПАЙНАВИШТ:


1.Буланова, И.А. Правовые ценности российской молодежи / И.А. Буланова, И.А. Дякина, П.С. Самыгин. – Ростов н/Д., 2006. -148 с.

2.Джорубов, Фахриддин. Теоретико-методологические основы формирования правовой культуры студентов в инновационной среде вуза// Паёми Донишгохи миллии Точикистон- с.2018.- № 6.-С.293-295

3.Панфилова,А.П. Инновационные педагогические технологии: активное обучение/А.П.Панфилова. – М., 2009.-49 с.

4.Певцова, Е.А. Формирование правового сознания школьной молодежи: состояние, проблемы и перспективы /Е.А.Певцова//Государство и право. – 2005. – № 4.-С.28-36.

5. Соломенко, Л.Д. Формирование правовой культуры студентов. Внимание «Опыт»/Л.Д. Соломенко // Практика административной работы в школе. -2003. -№3. –С.54-58.

6.Фарҳанги забони тоҷикӣ. Зери таҳрири М.Ш.Шукуров ва дигарон. Москва- “Советская энциклопедия”. 1969.- С.607.

7. Ҳасанов, С. Назарияи давлат ва ҳуқуқ/С.Ҳасанов, М.Ҳасанов.- Душанбе, Илм, -2017. –461с.

8.Шомуродов, Х. Формирование правового сознания студентов /Х.Шомуродов // Педагогика.- 2007.-№2.-С.88-92.

## REFERENCES:

1. Bulanova, I.A. Law value of Russian / I.A. Bulanova, I.A. Dyakina. P.S. Samigin. – Rostov N/D., 2006. - P.48.
2. Jorubov F. Theoretical-methodological basis of students` cultural law formation in innovation environment of institutions. Bulletin of National university of Tajikistan. Dushanbe, 2018, № 6. P. 293-295.
3. Panfilova A.P. Innovation pedagogical technology: active study. – M., 2009. - P.49.
4. Pevtsova E.A. Formation of law cognition of school leaners: state, problems and aspects // state and law. – 2005. – № 4. - P.28-36.
5. Solomenko L.D. Law cultural formation of students /L.D. Solomenko / Attention «Experience» // Practice of administrative work at school. -2003. -№3. –P.54-58.
6. Dictionary of Tajik language. Under the reduction of M.M. Shukurov and others. Publishing "Soviet encyclopedia".Moscow-1969 - P. 607.
7. Hasanov S., Hasanov M. The theory of state and law. – Dushanbe: Science, -2017. –P.461.
8. Shomurodov D. Formation of students` law cognotion / Kh. Shomurodov // J.Pedagogics. M., 2007. -№.-P.88-92.